**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## Барномаи таълими

# ИФТИХОРИ ВАТАНДОРӢ

## барои синфҳои 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Душанбе 2017

Ҳасани Муродиён. Барномаи таълими Ифтихори ватандорӣ барои синфҳои 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, 2017, 8 саҳ.

Мураттиб:
Ҳасани Муродиён

Ба чопхона 09.06.2017 супорида шуд.
Ба чоп 14.07.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60х84 1/16.Ҷузъи чопии шартӣ 0,5
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13[а]
Тел.: 227-48-09. E-mail: mmarkaz@list.ru

# МАКТУБИ ЭЗОҲӢ

Ифтихори ватандорӣ фанни таълимию тарбиявиест, ки омӯзиши он аз ҳисоби соатҳои дарсҳои тарбиявии синфҳои 5-ум ҷорӣ мегардад. Мақсад ва вазифаҳои таълими ин фан тарбияи мактабиён дар рӯҳияи Ватан ва ватандӯстӣ, шарафи ватандорӣ, қаҳрамонони миллӣ, забон, адабиёт, илму маориф, ҷашнҳои миллӣ, расидан ба қадри Ватан, замину об, сулҳу Истиқлолият, Ваҳдат, ифтихор ва маърифати миллӣ мебошад.

Маводи таълимию тарбиявии ин фанро суҳбати ҷонпарвари омӯзгор, шеъру ҳикояҳо, ёддоштҳо, ташкили мулоқот бо одамони касбу кори гуногун, иштироки фаъолона дар нишасту ҷашнвораҳо, саёҳат ба осорхонаву мавзеъҳои таърихӣ, зодгоҳ ва қадамҷои бузургон ва ғайра ташкил медиҳад. Ба ин маънӣ, агар як қисми дарсҳо дар синф гузаранд, қисми дигарашон дар ҳавои кушод, оғӯши Ватан, манзара ва ҷойҳои таърихӣ ба роҳ монда мешаванд.

Таълими фанни Ифтихори ватандорӣ ба уҳдаи омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик гузошта мешавад. Барои таълими ин фан, пеш аз ҳама, худи омӯзгор бояд ватандӯсти шуълавар бошад, дониш, тасаввурот ва ҷаҳонбинии васеъ дошта, аз муҳтавои барномаи фан, китоби дарсӣ ва дигар маводи зарурӣ баҳравар бошад. Омӯзгорон масъуланд, ки пас аз омӯзиши ин фан шогирдонашон дар фуроварди сол дар бораи Ватан, Модар, муқаддасоти давлатию миллӣ, қаҳрамонону ашхоси барӯманди мамлакату диёри худ тасаввурот пайдо намоянд, фикрашонро ба тариқи даҳонӣ баён карда тавонанд ва ба таври хаттӣ озодона дар ҳаҷми то се саҳифа зебо ва хоно нависанд, ки аз он соҳиби маърифати

баланди миллӣ будани шогирд аён бошад. Шеърҳои дар барномаи таълимии фанни Ифтихори ватандорӣ ва китоби дарсӣ овардашударо азёд донанд. Ба он ноил гарданд, ки хонандагон аз ҳамин синну сол ҳамчун шахсияти фаъол ва ватандӯсти шуълавар ба камол расанд, худро чун вориси ин Ватан ва ин сарзамин ҳис намоянд, дар ободию пойдории Ватан, ҳимояи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сулҳу оштӣ ҳиссагузор бошанд. Дарк намоянд, ки чунин як Ватани зебо доранд, аз он ифтихор намоянд, ки созандагони ояндаи ин Ватан маҳз онҳоянд, бобою падарон бовар намуда, тақдири ояндаи кишварро дилпурона ба дасти онҳо месупоранд.

Фанни Ифтихори ватандорӣ ба ҳамаи фанҳои таълимӣ, махсусан ба забони модарӣ ва адабиёти тоҷик, таърих, ҷуғрофия, мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва ғайраҳо алоқаи ногусастанӣ дошта, дар ҳамгироӣ бо онҳо таълим дода мешавад.

Омӯзгорон дар таълими фанни Ифтихори ватандорӣ аз усул, тарз ва воситаҳои гуногун истифода бурда, бояд тамоми неруи ҷисмонию ақлонии худро барои фаъол ва шавқовар гардонидани раванди машғулиятҳои таълимӣ ва фориғаздарсӣ равона созанд.

Омӯзгорон бояд аз усул, тарз ва воситаҳои зерин истифода баранд: суҳбат, хондан, тавзеҳ (эзоҳ) додан, нишон додан, намоиш додан, ташкили фаъолияти мустақилона ва эҷодии хонандагон, истифодаи эҷодкорона аз китоби дарсӣ, маводҳои дидактикию таълимӣ, асарҳои таърихӣ, бадеӣ, қисса ва ривоятҳо, шеър, ҳикоя, чистон ва зарбулмасалу мақолҳо, расмҳо, кандакориҳо, ҳаккокиҳо, сангнавиштаҳо ва ғайраҳо.

Дар маҷмӯъ омӯзгорон фанни Ифтихори ватандорӣ соҳибихтиёр аст. Вай метавонад, аз тамоми роҳу усулҳои ба худаш маъқулу мақбул истифода намояд, то ки дар замири шогирдонаш ҳисси ифтихори ватандорӣ ва маърифати миллӣ ба масъулияти дарккардашуда ва аввалиндараҷаи инсонӣ табдил ёбад.

Фаъолияти хонандагон дар дарс ва машғулиятҳои фориғаздарсӣ аз инҳо иборатанд: шунидан, дидан, хондан, тавзеҳ додан, саволу ҷавоб, муҳокима кардан, фикр кардан ва таассуроти худро баён намудан, тартиб додан, сохтан, навиштан, такроран хондан, ислоҳ кардан, нақшаи содаи мавзӯъро тартиб додан, азёд кардан, ба саволҳо ҷавоб навиштан ва ғайраҳо.

Барои фанни Ифтихори ватандорӣ дар дафтари (журнали) синф саҳифаи алоҳида ҷудо карда шуда, фаъолият ва пешрафти хонандагон мисли фанҳои дигар арзёбӣ мегардад.

Мувофиқи нақшаи таълимӣ, барои фанни Ифтихори ватандорӣ дар синфҳои 5-ум 34 соат ҷудо шудааст. Бинобар ин, тақсимоти соатҳои ин фан ба мавзӯъҳо ба тариқи зайл матраҳ гардидааст.

## СИНФИ 5 – 34 СОАТ

### Фасли 1. Тоҷикистон – Ватани мо (3 соат)

1. Мафҳуми «Ватан» ба маънои маҳдуд ва васеъ. Тоҷикистон – Ватани ҳамаи сокинони ин сарзамин. Шеъри Рустами Ваҳҳоб «Ба пойи Бесутун».
2. Маъно ва шарҳи вожаҳои Ватан – Модар ё Модар – Ватан. Шеъри Сайдалӣ Маъмур – «Ватан».
3. Ҳимоя ва ҳифзи Ватан. Шеъри Гулназар «Мо ношикастем».

**Фасли 2. Ватани ниёгони мо (3 соат)**

1. Суҳбат дар бораи Ватани аҷдодии мо. Нажоди Ориё. Зардушт –тарғибгари яккахудоӣ.
2. Аз таърихи «Авасто». Се рукни ғоявии «Авасто»: пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек.
3. Ноҳид (Аноҳита) – Эзадбонуи обу рӯдхонаҳо.

**Фасли 3. Муборизаи халқи тоҷик барои ҳимояи Ватан (6 соат)**

1. Садо аз қаъри таърих. Рӯҳи бешикаст. Ҳуҷуми аҷнабиён ба хоки мо ва қатлу ғорати онҳо (юнониҳо, арабҳо, муғулҳо). Қиссаҳо ва ривоятҳо аз далерию диловарии намояндагони халқи тоҷик бар зидди аҷнабиён.
2. Куруши Кабир ва давлатдории ӯ.
3. Спитамен ва муборизаи ӯ бар зидди юнониён.
4. Садди Хатлон. Муборизаи Катану Австан алайҳи Искандар. Шеъри Муъмин Қаноат «Қатли Восеъ»
5. Маълумот дар бораи қаҳрамонҳои Тоҷикистон: Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур.
6. Хотироти шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ аз мухоҷирати Афғонистон: «Ифтихори тоҷикии Аҳмадшоҳи Масъуд».

**Фасли 4. Исмоили Сомонӣ – асосгузори давлатдории тоҷикон (3 соат)**

1. Аҳамияти таърихии ташкили давлати ягонаи тоҷикон. Муборизаи Исмоили Сомонӣ барои ташкили давлати ягона ва муттаҳид намудани сарзамин. Давлати Сомониён.
2. Девори Бухоро.
3. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва эҳёи давлати Сомониён. Ҳайкали Исмоили Сомонӣ дар пойтахт ва маркази шаҳрҳои азими кишвар. Пайкараи меҳр. Шеъри Лоиқ «Хоки Ватан».

**Фасли 5. Конститутсия ва Президенти мамлакати мо (2 соат)**

1. Суҳбат роҷеъ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конститутсия – ҳуҷҷати сарнавиштсоз. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ман дар Конститутсия.
2. Президенти мамлакати мо. Ғамхории Сарвари давлат оид ба ободию шукуфоии Ватанамон, сиҳатию саломатӣ ва таҳсили бачаҳо. Насли наврас – ояндасози Ватани мо. Президент – наҷотбахши миллат. Президент ва бачаҳо.

**Фасли 6. Муқаддасоти давлатию миллии мо (5 соат)**

1. Суҳбат перомуни мафҳуми «муқаддас». Муқаддасоти давлатию миллӣ. Рамзҳои давлатӣ.
2. Суруди миллӣ. Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Тоҷ ва тоҷик. Пули миллии мо.
4. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз дирафши педодии Ковиён то Парчами давлатии Тоҷикистон.
5. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарҳи маънои ҳар яки онҳо.

**Фасли 7. Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пойтахт ва марказҳои вилоятҳои Тоҷикистон (4 соат)**

1. Суҳбат дар бораи ҷашнҳои миллӣ ва аҳамияти онҳо. 9 сентябр – ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шеъри Давлат Сафар «Истиқлолият».
2. Маълумот дар бораи Тоҷикистон ва ҳудуди ҷуғрофии он. Шеъри Меҳринисо «Тоҷикистон».
3. Душанбе – пойтахти Ватани мо. Аз таърихи шаҳри Душанбе: «Чароғи зиндагӣ».
4. Маълумот дар бораи марказҳои вилоятҳои Тоҷикистон: Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, Хоруғ ва мавзеъҳои истироҳатии Ватани мо: «Муъҷизаи Исфара».

**Фасли 8. Забон – ҳастии миллат (3 соат)**

1. Суҳбат оид ба забони модарӣ. Шарҳи маънои вожаҳои «забони модарӣ», «забони форсӣ» ва «забони дарӣ». Забони тоҷикӣ – забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Забони модарӣ – мероси ниёгони мо. Аҳамияти омӯхтан ва покиза нигоҳ доштани забони модарӣ. 5-уми октябр – ҷашни Рӯзи забони давлатӣ ва аҳамияти он.
2. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши забон. Шеъри Камол Насрулло «Ҳуҷҷати бунёди мо».
3. Маҳмадуллои Лутф - «Дастур барои соҳибзабонон».

**Фасли 9. Наврӯз – ҷашни ҷаҳонӣ (3 соат)**

1. Наврӯз – мероси миллии тоҷикон. Ҷанбаҳои шинохти Наврӯз. Ҷашни Наврӯз дар аҳди қадим. Наврӯз – ҷашни нав шудани сол, бедории табиат, мавсими баҳор ва киштукор. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва шукӯҳу таровати Наврӯз. Мақоми ҷаҳонӣ гирифтани Наврӯз. Шеъри Бозор Собир «Аё қишлоқаки маҳтобии ман»
2. Наврӯз ва бачаҳо. Русуми наврӯзӣ. Шеъри Фарзона «Ҷоно, баҳор шуд!»
3. Маълумот оид ба идҳои динии Рамазон ва Қурбон.

**Фасли 10. Сулҳу ваҳдат – гарави хушбахтӣ ва рушди миллат (2 соат)**

1. Таҷрибаи сулҳпазирии тоҷикон. Мубориза ва талошҳои, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри сулҳу оштӣ. Сулҳ – лабханди кӯдакон. 27-уми июн – Рӯзи сулҳ ва оштии миллӣ. Сулҳи деринтизори мо.
2. Ваҳдат – гарави хушбахтӣ ва рушди миллат. Шеъри Низом Қосим «Умеди эҳё».